# Бо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба: Гувоҳӣ додан, ки нест маъбуди бар ҳақ, магар Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва барпо доштани намоз, закот додан, шунидану итоат кардан, хайрхоҳӣ ва насиҳат барои ҳар мусалмон, байъат кардам

Аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Бо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба: Гувоҳӣ додан, ки нест маъбуди бар ҳақ, магар Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва барпо доштани намоз, закот додан, шунидану итоат кардан, хайрхоҳӣ ва насиҳат барои ҳар мусалмон, байъат кардам.
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Ҷарир ибни Абдуллоҳ саҳобие аст, ки моро аз байъаташ бо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар додааст. Ӯ бо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бар тавҳид ва барпо доштани намозҳои панҷгонаи фарзшуда дар як шабонарӯз, бо шартҳо, рукнҳо, воҷибҳо ва суннатҳои он ва адои закоти фарзӣ, ки ибодати молии воҷиб аст ва аз сарватмандон гирифта ба мустаҳиқонаш, аз ҷумла фақирон ва дигарон дода мешавад ва бар тоати ҳокимон ва насиҳату хайрхоҳӣ барои ҳар мусалмон, бо талош барои суд расондан ба онон ва хайрхоҳӣ барои онон ва дафъи шар аз онон, ки бо гуфтору амал аст, байъат кардааст.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3512